**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”:**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
___________ Ибодуллозода А.И.
“___” ___________ соли 2024

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Мухтавои таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна, ки дар он шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ шудааст, ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ  мутобиқат дорад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъала ва коркарди мавзуи илмӣ.** Муҳиммияти мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсила  ва шароити педагогии зарурӣ барои ташаккули самараноки салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ коркард гардида, он  дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тавибу тасдиқ  гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқотро довталаби дараҷаи илмӣ дуруст муайян карда аст, ки он асосноксозии назариявӣ ва тасвиб намудани шароитҳои

педагогӣ барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ мебошад ва, мутмаинем, ки унвонҷӯй ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил шудааст.

Таҳлилу арзёбии диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ Мансурова Дилрабо аз он далолат мекунад, ки мавсуф дар воқеъ аз ухдаи коркарди илмии мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардааш баромада, дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ моҳияти мафҳуми «рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ» дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таҳқиқ намудааст, вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар робита ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро ошкор намуда, асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани савияи рушди салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабиро муайян ва таъмин намудаст ва, аз ҳама асосӣ, амсилаҳои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро таҳия намуда, дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тасвиб ва мавриди амал қарор дода, самаранокии истифодаи амсиларо собит кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки дар диссертатсия вижагиҳо ва имконоти муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар кори ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон ошкор карда шуда, меъёру нишондиҳандаҳои муайянкунии савияи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ нишон дода шуда, ба таври муфассал шарҳу тафсил карда шудаанд ва мутмаинем, ки минбаъд ин меъёрҳо метавонанд барои маъмурият ва мураббиёни муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як дастурамали ташхиси сатҳи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакон хизмат кунанд.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилрабо дар он аст, ки он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар заминаи муқаррароти асосии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, махсусан, дар асоси талаботи муносибати босалоҳият дар таълиму тарбия коркард ва пешниҳод шудааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амиқи назариявию амалӣ буда, шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок шудаанд.

Муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаи муҳимро ба монанди: дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ бояд чи гуна шароити педагогӣ фароҳам оварда шавадро муайян сохта, дар тамоми ҷараёни таҳқиқот аз болои ин проблема кор карда, онро ба риштаи таҳқиқ ва пажуҳиш кашидааст. Бад-ин васила, бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯй дар ҳалли проблема ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштааш ноил ва комёб шудааст.

Муааллифи диссертатсия фарзияи илмии таҳқиқотро воқеъбинона, аз нигоҳи илмӣ-назарӣ пешбинӣ карда чунин мешуморад, ки барои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таҳқиқ намудани моҳияти мафҳуми «рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ» дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ; ошкор намудани вижагиҳо ва имконоти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар робита ба рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ; муайян ва таъмин намудани асосноккунии назариявии меъёру нишондиҳандаҳои зарурӣ барои муайян намудани савияи рушди салоҳияти маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳия ва татбиқи тасвиби амалии шароитҳои педагоӣ, инчунин амсилаҳои рушди салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ зарур мебошанд.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои ҳини таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ анҷомдодаи унвонҷӯй Мансурова Дилрабо аз он дарак медиҳад, ки фарзияҳои пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявию методологии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, асосҳои назариявии салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ, салоҳиятҳои умумитаълимии маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ ва шароитҳои

ташкилию педагогӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар боби мазкур на танҳо мундариҷаи амсилаи пешниҳодшуда бо тартиби муайян гуруҳбандӣ карда шудааст, балки ҳар як қисму ҷузъи он тавзеҳ дода шуда, роҳу усулҳои татбиқи он мушаххасан нишон дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия корҳои озмоишӣ оид ба татбиқи шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва баргузор карда шуда, меъёр ва нишондиҳандаҳои дараҷаи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ баррасӣ шудаанд, шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ ва амсилаи арзёбии дараҷаи ташаккулёбии салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мавриди озмоиш ва тасвибу татбиқ қарор дода шудаанд ва бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ арзёбӣ ва ҷамъбаст шудаанд. Ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки амсилаи таҳиякардаи муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ самаранокии худро собит сохтааст ва дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, бозгӯйи онанд, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти дорои арзиши баланди илмиву амалиро ба анҷом расонида, натиҷаҳои бадастомада дар амал ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии кишвар кӯмак ва мусоидат хоҳанд кард.

**Навгонӣ ва аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия:

- асосҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст;

- имконоти педагогӣ ва иҷтимоии низоми таҳсилоти томактабиро ҳамчун як соҳаи фаъолияти педагогӣ ошкор кардааст, ки он имкон медиҳад ташаккули мустақилияти эҷодии кӯдак дар шароити фаъолияти ӯ дар иттиҳодияҳои эҷодии бачагон, ки дар он ҷо ба ӯ таълиму тарбия

дода мешавад, озодии интихоби фаъолияти мувофиқе, ки ба талабот ва шавқу рағбати кӯдак мувофиқат мекунад, ба худмуайянкунӣ, худифодасозӣ, ба ҳадди аксар кушодашавии иқтидори эҷодӣ ва зеҳнии ӯ мусоидат мекунад;

- меъёрҳо ва нишондиҳандаҳоеро, ки барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ заруранд, муайян кардааст;

- амсилаҳои ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро коркард карда, онро шароитҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тасвибу татбиқ кардааст.

Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Мансурова Дилрабо дорои аҳамияти илмиву назариявӣ ва амалӣ буда, дастовардҳои зерини таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй гувоҳи онанд:

- амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар асоси равишҳои салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектӣ-фаъолиятӣ ва системавӣ барои дарки вижагиҳои раванди мазкур таҳия шудааст, ки он ба назарияи таълими томактабии бачагон сахми муайяне мебошад;

- заминаи методологии тайёрии томактабии бачагон бо фаъолияти аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва дар амал татбиқшавандаи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, такмил ва ғанӣ гардонида шудааст;

- равишҳои педагогӣ нисбат ба меъёрҳои ташхиси савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки робитаи байни ҷузъҳои таркибии ангезавӣ, амалӣ ва муҳтавоиро ифода мекунанд, тависа шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз инҳо иборат аст: маҷмӯи воситаҳои муассир муайян карда шудаанд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъмин мекунанд. Аз ҷумла:

– маҷмӯи махсуси воситаҳои ташхис барои муайян намудани савияи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ таҳия шудааст;

- таҳия ва тасвиби барномаи таълимии томактабии дорои ҷанбаии умумиинкишофӣ, ки ба ташаккули қобилияти бадеии бачагон нигаронида шудааст, бо номи «Устохонаи сеҳрнок» гузаронида шудааст;

- тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба тартиб додани барномаи умумитаълимии рушд, ки вазъияти кунунии тарбияи томактабиро ҷумҳурӣ ба назар мегирад, коркард ва ироа шудаанд.

**Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ.** Аз ҷониби муҳаққиқ ба таври муфассал корҳои илмии олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, психологҳо мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор ёфта, шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва мушаххас карда шудааст.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки муқарраротти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ ва фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба мавзуъ ба анҷом расонида шудааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои пажуҳиш, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва гузориши масъала мувофиқанд, коркард ва корбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи томактабии муассисаи мазкур муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шудааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ солҳои 2019-2024 дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров баргузор гардида, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд.

Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллифи диссертатсия ба хулоса омадааст, ки дар охири соли таҳсил бачагони синни томактабӣ тавонистанд ҷанбаҳои зеринро такмил диҳанд ё баланд бардоранд:

- дараҷаи аз худкунии маҳоратҳо, малакаҳо ва донишҳои дорои хусусияти тарроҳӣ ва бадеӣ;
- савияи мустақилият дар раванди интихоби мақсад ва вазифаҳо, банақшагирӣ ва татбиқи кори эҷодӣ;
- малакаҳои амалисозии нақшаҳои эҷодии худ;

- қобилияти зоҳир кардани шахсияти худ дар амалисозии фаъолияти эҷодӣ;

- зуҳуроти ташаббус дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳалли проблемаҳое, ки дар назди онҳо қарор доранд, тарзу усулҳои нави кор дар тайёркунии маснуоти нав;

- қобилият ва хоҳиши рӯ овардан ба мавод, воситаҳо ё манбаъҳои иттилооти иловагӣ;

- шавқу рағбат ба намудҳои гуногуни эҷодиёт;

- савияи сифати маснуоти тайёршаванда.

Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин таҷрибаи дар кори таълиму тарбия андухташуда ба муаллифи таҳқиқот имкон доданд, ки барои марҳила ба марҳила татбиқ намудани барномаи таҳсилоти гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ тавсияҳо таҳия ва пешниҳод созад.

Аз ин лиҳоз, андешаҳои ироаанамудаи унвонҷӯй Мансурова Дилрабо боэътимод ва аз нигоҳи илмӣ асоснок арзёбӣ мешаванд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ дошта, дорои қобилияти таҳлилу таҷзия намудани натиҷаҳои таҳқиқот аст.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, махсусан мантиқи фикррониӣ қобили қайд ва эътироф аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва, ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хеле хуб таҳия гардида, комилан ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф пеши назар меорад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвоҷӯй мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар рисола таҳлили вазъи омодасозии мураббиён дар

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои масъалаи мазкур дар партави проблемаи таҳқиқот баён намояд.

2. Муаллифи диссертатсия намунаи нақшаи таълимию мавзуӣ, ки мавзуъҳо ва фаслҳои раванди таҳсилотро бо нишон додани соатҳои таълимии барои дарсҳои назариявӣ ва амалӣ ҷудокардашударо дар бар мегирад, дар шакли ҷадвал коркард ва пешниҳод кардааст. Бисёр хуб мешуд, агар дар баробари ин муаллифи диссертатсия мавзуъҳои ҳар як соати машғулиятҳои назариявӣ ва амалиро низ манзур мекард. Дар ин сурат истифодаи нақшаи таълимии мазкур хеле қулай ва осон мешуд.

3. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ

Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ- методии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 13 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ- методии педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15 августи соли 2024, № 9/4 ).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
педагогикаи умумии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи педагогикаи умумии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ- методӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Арбобова Ф. А.

15.08.2024.

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83, E-mail: info@tgpu.tj, www.tgpu.tj

Имзои Ҷ. Мансурова, Т. Самиев ва Ф.Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.